**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент**
**________ Наҷмиддиниён А. М.**
**«_18_» _сентябри_ соли 2024**

# ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвончуйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Риоев Акобир Мирзоевич «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Риоев Акобир Мирзоевич соли таваллуд 25.06.1988 дар кӯчаи Навободи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 2006 пас аз хатми мактаби миёнаи умумии №68-и н.И.Сомонӣ ба факултети технология ва соҳибкории ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2011 хатм намудааст. Фаъолияти кориро соли 2010 дар мактаби миёнаи умумии №7-и шаҳри Душанбе оғоз намудааст. Аз соли 2012 то соли 2014 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ кор кардааст ва аз соли 2015 то инҷониб дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба сифати омӯзгори калон фаъолият дорад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои “хуб”, 26 окятбри соли 2018 таърих ва фалсафаи илм 16 октябри соли 2020 бо баҳои “хуб”, ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот 25 майи соли 2021 бо баҳои “аъло” супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти № 242 аз 07 ноябри соли 2021 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои педагогӣ Ғиёсиев Меҳриддин.

Диссертатсияи Риоев Акобир дар шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву

такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 30.08.2024, № 08 муҳокима гардида, барои баррасӣ ба шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод гардидааст (Протоколи шуъба аз 30.08.2024, № 08).

Муқарризони расмӣ Мухторова Г. – дотсенти кафедраи технология, нақшакашӣ ва дизайни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, Лутфуллоева П. - муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертант дар маърузаи худ аз ҷумла қайд намудааст, ки самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) - и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ин худ раванди махсуси педагогист, ки тавассути методикаи илман барои омӯзиши ин ё он ихтисосҳои мураккабу масъулиятнок ба роҳ монда мешавад. Вазъияти таълими меҳнати хонандагон бо равандҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат, талаботи ҷамъият ва истеҳсолот ба низоми таҳсилоти умумӣ ва касбӣ муайян карда мешавад. Таълими меҳнатии насли наврас зарурати объективӣ буда, ҳамчун шарти ба амал баровардани яке аз нишондодҳои асосии педагогика баромад мекунад: фард ҳамчун шахс, пеш аз ҳама, дар фаъолияти амалӣ ташаккул меёбад. Рушди низоми таълими технология (таълими меҳнат) бо тағйир ёфтани марҳилаҳои болоравӣ ва пастшавӣ мувофиқи равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият хусусияти даврагӣ дорад. Ҳар як давраи тараққиёти ҷамъият низоми таълими технологии худро дорад, ки онро вазъияти қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян мекунад.

Пас аз маърузаи довталаб диссертатсия ба муҳокима гузошта шуда, ба диссертант Риоев А. иштироккунандагони ҷаласа П. Лутфуллоева, Д. Маҳкамов, Н. Назиров ва М. Бобоева саволҳо дода, ҷавобҳои қаноат бахш гирифтанд.

Сипас, муқарризон фикру ақидаҳои худро иброз доштанд. Аз ҷумла, Мухторова Г. қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогро дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар бар мегирад. Истифодаи технологияи коммуникатсионӣ дар амалия мусоидат менамояд, ки хонандаи навовар новобаста аз синну сол, мавқеъ, вазъи иҷтимоӣ, макони таҳсилу зист мавриди эҳтиром қарор гирад ва барои дарки арзишу мақоми худ шароит ва имконият пайдо намояд. Муҳимтар аз ҳама, истифодаи

усулҳои фаъоли таълим дар зинаи аввали зиндагии шахс дар ҷомеа, ба рушди фаъолияти фикрронӣ ва эҷодӣ, маҳорати зеҳнию технологӣ, маърифатнокии илмию техникии хонандагон мусоидат менамояд.

Бояд муаллиф кӯшиш мекард, ки тамоми маҷмуи натиҷаҳои нави илмиро дар шакли фишурдаи тавсияҳои амалӣ нигаронидашуда барои такмил ва пешгӯии муҳимтарин хусусиятҳои усули таҳқиқ дар самти педагогика, назария ва методикаи дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод кунад.

Муқарриз Лутфуллоева П. қайд намуд, ки дар ин таҳқиқоти илмӣ диссертант муваффақ гардидааст, самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогро дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳаллу фасл намояд. Дар диссертатсия хуб мебуд, ки оид ба нақш ва саҳми омӯзгор оид ба татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маълумот дода мешуд ва оиди истифодаи онҳо пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд. Хуб мешуд, шарҳу тавзеҳи диаграммаҳои натиҷаи таҳқиқоти озмоиширо камтар намоянд, зеро он дар диаграмма худ аён аст.

Муҳаққиқ бо дарназардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида вазифаҳои зерини таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардидааст:

- муайян кардани шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар асоси консепсияи таълимии ба шахс нигаронидашуда ва принсипҳои тарбия;

- мушаххас кардани мавқеъ ва аҳамияти технологияҳои муосири таълим дар ташаккул ва рушди шахсияти эҷодии хонанда, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайяну;

- маводи методӣ оид ба маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар мавриди истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим коркард ва маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон таҳия ва пешниҳод кардан, то ки барои аз худ намудани роҳу усул ва ташаккули салоҳиятҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар назарияи таълим бори нахуст:

-махсусият ва шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ошкор ва муайян карда шуданд;

-меъёрҳо, роҳ ва тарзи истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) муайян ва роҳҳои ташкили дарсҳо бо истифодаи технологияи муосири таълим пешниҳод гардидаанд;

-маводи методӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар мавриди истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим коркард ва маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон, ки маҷмуи шароитҳои педагогиро фаро мегиранд, коркард, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тариқи озмоиш санҷида шудаанд;

- маҷмуи шароитҳои педагогӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии раванди ҷорисозии технологияҳои муосир дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шуданд;

- шароитҳои педагогии муосир ва самарабахши омода кардани омӯзгорон барои омӯхтан ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва роҳу усулҳои ташхиси самаранокии технологияҳои инноватсионии таълими фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуда, дар ин замина як қатор равишҳои фаъоли таълим коркард шуданд, ки ба баланд шудани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон мусоидат менамоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки - асоснок карда шудани имконоти истифодаи босамари технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ;

- муайян кардани асосҳои педагогӣ ва озмоиши самарабахшии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо;

- таҳлили адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот;

- таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ва нақши онҳо дар истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ.

- дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои муосири таълим аз тариқи озмоиш асоснок карда шудаанд;

- меъёр, дарачаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва намудҳои онҳо, равшан сохтани моҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ошкор ва коркард шудаанд;

- восита ва шаклҳои фаъолияти омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти умумӣ дар татбиқи технологиҳои муосири педагогӣ ва тарзҳои истифодаи онҳодар раванди дарсҳо, мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон муайян карда шудаанд.

Бо боварӣ изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиянамудаи унвончӯ барои беҳтар ошно гардонидани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) ва барои баланд бардоштани дониш, малака ва маҳорати касбии омӯзгорон мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки унвончӯ мавзуеро таҳқиқ намудааст, ки омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар раванди гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ метавонанд барои беҳтар дарк кардани маводи таълимӣ, рушди салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагон истифода намоянд.

Муқарриз оид ба таҳрири номи параграфҳо ва банду басти ба расмият овардани диссертатсия эрод гирифта, дар охир қайд намуд, ки ин норасоиҳо сатҳӣ буда, арзиши илмиву амалии онро паст намекунанд ва ба ҳимоя тавсия дода мешавад. Сухан ба роҳбари илмӣ дода шуд ва ӯ қайд намуд, ки Риоев А. ҳамчун муҳаққиқ ба мавзуи мубрам даст зада, проблемаю камбудиҳоро ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳоро муфассал баён намудааст, дар қисмати заминаҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот андешаҳо равшан ифода шудаанд. Диссертатсия барои пешниҳод ба ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ мувофиқ аст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳала таҳлилу ҷамъбаст гардида, маводи илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва дигар маҷмуаҳои илмӣ чопнамудаи диссертант пурра мазмуни диссертатсияро дар бар мегиранд:

а) Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:

[1-М]. Риоев А. Истифодаи барномаҳои компютерӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №3 (32), - 2019. - С. 69-73.

[2-М]. Риоев А. Таҷҳизоти таълим ҳамчун унсури рушди сифати таълим // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №3 (27) , - 2019. - С. 72-80.

[3-М]. Риоев А. Навъҳои технологияҳои педагогӣ ва таҳрезии раванди таълим // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №2 (35), - 2020. - С. 98-103.

[4-М]. Риоев А. Технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №3, (36), - 2020. - С.117-122.

[5-М]. Риоев А. Ҷанбаҳои муҳими технологияи педагогӣ ва истифодаи он дар раванди таълим // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №3 (44), - 2022. - С.79-86.

[6-М]. Риоев А. Роҳҳои ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) - зимни истифодаи технологияи муосири педагогӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №2, - 2023. - С. 127-132.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1.Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Риоев Акобир Мирзоевич «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби илмии ҷаласаи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мураттаб шуда, аз 16 сентябри соли 2024, протоколи № 09 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла ду нафар аз мутахассисоне, ки шурои диссертатсионӣ дар он фаъолият дорад. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 12 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, муовини директори
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ П. Лутфуллоева

Котиби ҷаласа мудири шуъбаи
фанҳои технологияи меҳнат,
тарбияи ҷисмонӣ, омодагии
ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву
такмили стандарт, барномаҳои
таълимӣ ва китобҳои дарсии ПРМ ба
номи А. Ҷомии АТТ номзади илмҳои
педагогӣ, и.в. дотсент С.А.Давлатзода

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Адҳамов, 11/2
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои П.Лутфуллоева ва С.А.Давлатзодаро тасдиқ менамоям:*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
АкадемияиТаҳсилотиТоҷикистон Ҳакимова Х.С.